# № 36 аз 21.01.2021

«Дар бораи тасдиқ намудани «Тартиби
додани дастрасӣ ва истифодабарии модулҳои
алоҳидаи барномаи компютерии
«Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз»
аз ҷониби кормандони мақомоти андоз,
вазорату идораҳо ва ташкилотҳои қарзӣ»

Бо мақсади таъмини истифодабарии самаранок ва мақсаднок истифода бурдани барномаи компютерии «Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз» ва модулҳои он, тибқи талаботи моддаи 89 Кодекси андоз ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби додани дастрасӣ ва истифодабарии модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии «Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз» аз ҷониби кормандони мақомоти андоз, вазорату идораҳо ва ташкилотҳои қарзӣ тибқи замимаи №1 тасдиқ карда шавад.

2. Сардорони сарраёсатҳо ва раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои андоз дар вилоятҳои ВМКБ, Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, Раёсати андози андозсупорандагони калон, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо ва КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» вазифадор карда шаванд, ки риояи ҳатмии тартиби мазкурро таъмин намоянд.

3. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ барои ба сохторҳои Дастгоҳи марказӣ, мақомоти ҳудудии андоз ва КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» дастрас гардидани фармоиши мазкур чораҷӯӣ намояд.

4. Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2014, № 179 «Дар бораи тасдиқ намудани «Тартиби таъмини дастрасии кормандони мақомоти андоз ба истифодабарии барномаҳои компютерии «Системаи иттилоотии андоз» аз эътибор соқит карда шавад.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини якуми Раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Р а и с Н. Давлатзода